2024

# АРЗЁБИИ ГЕНДЕРӢ: ВОКУНИШИ МИЛЛӢ БА ЭПИДЕМИЯИ ВНМО

Шарҳи мухтасар

Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Nasiba Karimova*




**Душанбе, 2024**

# ИЗҲОРИ МИННАТДОРӢ

Арзёбии гендерии вокуниши миллий ба эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ниҳоди СММ оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва тавонмандбахшии занон – «СММ-Занон» ва Барномаи муштараки СММ оид ба ВНМО/БПНМ (ЮНЭЙДС) дар ҳамкории зич бо Шабакаи занони мубталои ВНМО дар Тоҷикистон гузаронида шудааст. Коршиноси миллий М.Болтаева бо машварати мутахассисони соҳаҳои ВНМО ва баробарии гендерӣ арзебии мазкурро омода намудааст.

Таҳлилҳои оид ба арзёбии гендерӣ дар ин гузориш мавҷудбуда маънои тасдиқ, робита ё дастгирии ЮНЭЙДС ва ваколати он ва ё ягон сарпарастон, давлатҳои узв ва ҷомеаи шаҳрвандиро надорад ё ба таври дигар ифода намекунад. Мӯҳтавои таҳлил мустақиман таҳқиқ карда нашудааст. ЮНЭЙДС дар бораи комилият ва дурустии мӯҳтавои тадқиқот изҳорот, ваъда ё кафолат намедиҳад ва ҳама гуна масъулиятро барои хатогиҳо ё камбудиҳо дар мӯҳтавои таҳлилҳо мустақиман рад мекунад.

Муаллиф ба намояндагони зерин аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ), ҷомеаҳо ва созмонҳои байналмилалӣ барои саҳм ва иштироки фаъолонаашон дар арзёбии гендерӣ ва дар раванди санҷиши натиҷаҳои тадқиқот изҳори сипос менамояд:

- Солиев А., муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Авғонов З., котиби масъули Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ (КМҲ) оид ба мубориза бар зидди ВНМО/БПНМ, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Зиёева С., мутахассис оид ба назорат ва гузариш ба маблағгузории давлатии Котиботи КМҲ;
- Назарова Ш., мутахассиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Бобосодиқова Г., раиси эътилофи ТҶ «Аз баробарии де-юре то баробарии де-факто»;
- Ҷамолов П., директори ТҶ «СПИН Плюс»
- Ҳасанова Е., ҳамоҳангсози барномаҳои ТҶ «СПИН Плюс»;
- Гулова Ф., директори ТҶ «Нигоҳи ҷавонон»;
- Шамсизода Н., фаъоли масоили гендерӣ;
- Орипова С., менеҷери лоиҳаи ТҶ «АФИФ»;

- Ҳайдарова Т., директори ТҶ «Шабакаи Тоҷикистонии занони мубталои ВНМО»;
- Латифов Ш., менеҷери барномаи ТҶ «Шабакаи Тоҷикистонии занони мубталои ВНМО»;
- Александрова Л., директори ФҶ «Интихоби шумо»;
- Юматова З., мушовири ТҶ «Марворид»;
- Комилова С., директори ТҶ «Гули Сурх»;
- Ҷӯраева Т., мутахассиси ТҶ «Бюро оид ба ҳуқуқи инсон»;
- Ҷумъаева М., ҳамоҳангсози барномаҳои ТҶ «Фидокор»;
- Мирзоева З., ҳамоҳангсози лоиҳаи ТҶ «Ҷаҳон»;
- Маҳмудова Ф., ҳамоҳангсози ТҶ «Гендер ва тараққиёт»;
- Ҳамидова А., директори ЮНЭЙДС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ҷӯрақулова М., Сардори дафтари ниҳоди «СММ-Занон» дар Тоҷикистон;
- Байдуллоева М., ҳамоҳангсози барномаҳои ниҳоди «СММ-Занон» дар Тоҷикистон;
- Ғафурова У., ёрдамчии барномаҳои сохтори «СММ-Занон» дар Тоҷикистон;
- Ҷӯраева Н., таҳлилгар оид ба идоракунии маълумот, натиҷаҳо, мониторинг ва ҳисоботдиҳии Дафтари ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон;
- Трофименко М., ҳамоҳангсози лоиҳаи ВНМО, Барномаҳои БРСММ оид ба ВНМО/БПНМ ва сил;
- Сафарова Н., Мутахассиси пешгирии Барномаҳои БРСММ оид ба ВНМО/БПНМ ва сил;
- Азизуллоева М., мутахассиси соҳаи тандурустии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон;
- Абиджанова Н., роҳбари филиал ва намояндагии ICAP дар Тоҷикистон;
- Маликов Н., мутахассиси ICAP;
- Сафаров А., мутахассиси миллии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ);
- Ибрагимов Б., мутахассиси лоиҳаи EpiC «Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмилалӣ» (USAID);

# МУҚАДДИМА

Тибқи Ҳадафҳои глобалии рушди устувор, бемории БПНМ, ҳамчун як мушкилоти саломатии омма, бояд то соли 2030 аз байн бурда шавад. Самти асосии ноил шудан ба ин ҳадаф аз байн бурдани нобаробарӣ, бахусус нобаробарии гендерӣ мебошад.[1] Такмили ҳадафҳои баробарии гендерӣ дар барномаҳои муқовимат бо эпидемияи ВНМО/БПНМ як механизми муҳими мубориза бо ВНМО ва пешбурди имкониятҳои баробар барои занон ва духтарон ҷиҳати дастрасӣ ба хизматрасониҳои ВНМО мебошад.

Дар чаҳорчубаи буҷети ягона, натиҷаҳо ва ҳисоботҳои сарпарастони Барномаи муштараки СММ оид ба ВНМО/БПНМ (UBRAF), ки барои солҳои 2024-2026 тасдиқ шудааст, созмони «СММ-Занон» ва ЮНЭЙДС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи воситаҳое, ки аз ҷониби ЮНЭЙДС дар сатҳи ҷаҳонӣ таҳия шудааст, арзёбии эпидемияи ВНМО, замина ва вокунишҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари гендериро баргузор намуданд.

Мақсади асосии арзёбии гендерӣ фароҳам сохтани иттилооти стратегӣ, асосноккунӣ, тарғиботи воситаҳо ва пешниҳоди тавсияҳо барои таҳлили вазъи кунунӣ оид ба ҷанбаҳои гендерии марбут ба ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасмимгирандагон ва сиёсатмадорон, мутахассисони соҳаҳои гуногун дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалӣ ба ҳисоб мерав振.

# САМТҲОИ ТАТБИҚИ НАТИҶАҲОИ АРЗЁБИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

- Таҳияи Барномаи нави миллии мубориза бо эпидемияи ВНМО/БПНМ (соли 2025), бо назардошти ҷанбаҳои гендерии эпидемия ва чораҳои ҷавобӣ;
- Такмили равишҳои гендерӣ оид ба мубориза бар зидди эпидемияи ВНМО ҷиҳати инкишофи Роҳхаритаи устувории вокуниши миллӣ ба ВНМО то соли 2030 ва баъд аз он;
- Татбиқи грантҳо ва пешниҳод намудани дархостҳои нав барои маблағгузорӣ аз Хазинаи глобалии мубориза бо БПНМ, сил ва вараҷа;
- Истифодаи натиҷаҳои арзёбии гендерӣ дар раванди тасдиқи рафъи интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак;
- Татбиқи стратегияҳое, ки ба баробарии гендерӣ мусоидат мекунанд.

1 Стратегияи глобалии мубориза бо БПНМ барои солҳои 2021-2026. Барҳам додани нобаробарӣ. Барҳам додани БПНМ. https://www.unaids.org/ru/Global-AIDS-Strategy-2021-2026



# ДОНИШ ДАР БОРАИ ЭПИДЕМИЯИ ВНМО ВА ЗАМИНАҲОИ ОН ДАР КИШВАР

Эпидемияи ВНМО дар Тоҷикистон дар марҳалаи мутамарказшавӣ қарор дорад ва дар ҳоли ҳозир тамоюли коҳиши теъдоди гирифторони ҷадиди ВНМО мушоҳида намешавад.

- Паҳншавии ВНМО дар байни мардҳо нисбат ба занон 1,4 маротиба зиёдтар аст ва ин тамоюл дар тамоми гурӯҳи синнусолии 15-59 идома дорад.
- Шумораи гирифторони нави ВНМО дар байни мардон (63,2%) нисбат ба занон (36,8%) низ зиёд аст.
- **Дар баробари ин, тамоюли афзоиши ҳиссаи занон дар байни беморони нави ВНМО дар давоми 10 соли охир ба ҳисоби миёна 6% -7% мушоҳида мешавад.**

Ин тамоюл дар пасманзари сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ, бахусус занон дар бораи роҳҳои сироят ва усулҳои пешгирии ВНМО ба вуҷуд меояд.

- Танҳо 14,0%-и пурсидашудагони синни 15-24 сола ба ҳарду савол дар бораи роҳҳои пешгирии сирояти ҷинсии ВНМО дуруст ҷавоб дода, гумроҳсозии асосиро дар бораи интиқоли ВНМО рад кардаанд[2].
- **Танҳо 10%-и ҷавондухтарони синнашон аз 15 то 24 сола оид ба пешгирии ВНМО дониши амиқ доранд (Таҳқиқоти Тиббӣ-Демографӣ (ТТД, 2023))[3].**

2 Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Омӯзиши сатҳи дониш, муносибат, рафтор ва гузаронидани таҷриба дар соҳаи ВНМО дар байни аҳолии синну соли 15-49 сола», 2020.

3 Тоҷикистон. Таҳқиқоти Тиббӣ-Демографӣ. Ҳисобот дар бораи нишондиҳандаҳои асосӣ, 2023 https://dhsprogram.com/pubs/pdf/PR155/PR155rus.pdf

Сатҳи пасти дониши аҳолӣ метавонад сабаби асосии равиши хатарнок ва давом ёфтани паҳншавии ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

- 75%-и ҷавонони 15-24 сола (мардон -87%, занон -62,3%) дарҷ намуданд, ки дар охирин алоқаи ҷинсӣ бо ҳамхобагони муваққатӣ аз рифола истифода кардаанд (2).
- Танҳо 26%-и занони синнашон аз 15 то 49 сола бори охир ҳангоми бо ҳамхобагони муваққатӣ алоқаи ҷинсӣ кардан аз рифола истифода намудаанд (ТТД, 2023).
- Танҳо 50% нафароне, ки бо занони гирифтори ВНМО ҳамхоба мекунанд, аз рифолаи мардона истифода мебаранд, аммо 11%-и онҳо ҳеҷ гоҳ аз рифола истифода накардаанд.[4]
- **Гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (ГОА):** шахсони расонандаи хизматрасониҳои шаҳвонӣ (ШРХШ) - 82,2%; мардоне, ки бо мардон алоқаи ҷинсӣ мекунанд (ММАҶ) - 78,6% ва одамоне, ки маводи мухаддирро тазриқ мекунанд (нашъамандони тазриқӣ (НТ)) - 42,4% маълумот доданд, ки онҳо ҳангоми охирин алоқаи ҷинсӣ аз рифола истифода кардаанд (Назорати эпидемиологии 2022).

Дар ҳоли ҳозир тамоюлҳои зерин дар робита ба ҳолатҳои нави ВНМО ба қайд гирифта шудаанд:

- Дар 5 соли охир коҳиши таносуби ҳолатҳои нав дар байни нашъамандони тазриқӣ (НТ) беш аз 2,6 маротиба ва дар байни шахсони расонандаи хизматрасониҳои шаҳвонӣ (ШРХШ) зиёда аз 1,6 маротиба коҳиш ёфтааст. Дар байни мардоне, ки бо мардон алоқаи ҷинсӣ мекунанд (ММАҶ) бошад, фоизи ҳолатҳои нави сироятёбӣ ба ВНМО ду маротиба зиёд шудааст.
- Соли 2023 зиёда аз се як ҳиссаи шумораи умумии ҳолатҳои нав (32,5%) дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ муайян карда шудааст. Тамоюли афзоиши назарраси шумораи нави гирифторони ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ идома дорад ва солҳои охир афзоиш ёфта истодааст, ки бо назардошти микёси назарраси муҳоҷирати меҳнатии мансуб ба Тоҷикистон (ҳар сол ба ҳисоби миёна 550 ҳазор муҳоҷири меҳнатӣ барои кор дар хориҷа кишварро тарк мекунанд) нигаронкунанда аст.
- Фоизи нисбатан баланди гирифторони ВНМО миёни шахсони дар алоқабуда ташвишовар аст: - **17,5%**; ҳиссаи занон дар ошкор кардани ҳолатҳои нави сирояти ВНМО (31,1%) миёни шахсони дар алоқабуда нисбат ба ҳиссаи мардон (9,9%) беш аз се маротиба зиёд аст.[5]
- Бештар ошкор кардани ҳолатҳои нави сирояти ВНМО дар байни занон ва ҷавонони 15-24 сола мушоҳида мешавад, ки ин аҳамияти калони эпидемиологӣ дорад, зеро ошкор кардани ҳолатҳои нави сироят, ин аз интиқоли фаъоли сирояти ВНМО шаҳодат медиҳанд.

# ФАВТ АЗ БПНМ

Шумораи фавтидагон аз БПНМ дар панҷ соли охир тақрибан 2,5 баробар кам шудааст. Дар байни мардон шумораи фавтидагон аз БПНМ нисбат ба занон беш аз 2,2 маротиба зиёд аст. Ҳолати нигаронкунанда ин аст, ки қисми зиёди ҳолатҳои ба қайд гирифташудаи фавт дар байни дар байни шахсоне, ки нав дарёфтшудагони сирояти ВНМО ба амал омадааст, ки ин аз дер муроҷиат кардан, ошкор намудан ва табобат гирифтан шаҳодат медиҳад.

4 Масъалаҳои асосии солимии ҷинсӣ ва репродуктивии занони гирифтори ВНМО дар Тоҷикистон аз нигоҳи ҳуқуқи инсон (дар асоси натиҷаҳои тадқиқот) " Шабакаи тоҷикистонии занони мубталои ВНМО", Душанбе, 2019. http://www.ewna.org/wpcontent/uploads/2020/07/Key_Womens_Problems_SRHR_Taj.pdf

5 Таҳлили кунунӣ ва иқтисодӣ дар соҳаҳои муҳоҷират ва хизматрасонии тиббӣ вобаста ба ВНМО дар Тоҷикистон Н.Ҷӯраева , А.Солиев, И.Яқубов, Душанбе 2022. https://migrationhealth.group/en/reg-is-pleased-to-present-the-new-study-situation-and-economic-analysis-on-migration-and-hiv-in-tajikistan/

## МЕЪЁРҲО ВА ТАҶРИБАҲОИ ИҶТИМОИЮ ФАРҲАНГӢ, КИ ДАР ПЕШГИРӢ ВА ТАБОБАТИ ВНМО МОНЕА ЭҶОД МЕКУНАНД

- Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти қатъии ҷомеаи патриархалӣ дар оила барои мардон имтиёзҳоро дар идоракунии маблағҳои оилавӣ ва доро будани нақши аввалиндараҷа дар қабули ҳама гуна қарорҳо фароҳам меорад.[6]
- Танҳо 46%-и занони аз 15 то 49 сола дар бораи саломатии худ қарор қабул мекунанд (ТТД, 2017).
- Аксарияти занони шавҳардоре, ки ба ВНМО гирифторанд, изҳор доштанд, ки ба онҳо барои ба ягон ҷои берун аз хона рафтан иҷозати шавҳар ва дар баъзе ҳолатҳо хешовандони шавҳар (хушдоман ва ғ.) зарур аст.[7]
- Писарон асосан сарварони ояндаи оила ба ҳисоб меравaнд, ки таъминоти оиларо кафолат медиҳанд, ҳамин тавр, интизор меравад, ки духтарон бояд хонанишин ва модар бошанд. Меъёрҳои маҳдудкунандаи гендерӣ ва таҷрибаҳои консервативии (кӯҳнапарастӣ) иҷтимоӣ аксар вақт ба нақши фаъолтари занон дар ҷомеа монеъ мешаванд.[8]
- Алоқамандии издивоҷи бармаҳал дар осебпазирии занон ба ВНМО собит шудааст. Издивоҷи бармаҳал тибқи омор мутобиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон синни ҳадди ақали издивоҷ 18 солагӣ буда, тибқи омори расмӣ 0,8%-и никоҳҳои бармаҳал ба қайд гирифта шудаанд.[9] Аммо тибқи пажӯҳишҳо, воқеан мушкили издивоҷи бармаҳал то ҳол вуҷуд дорад.[10]
- Бисёрникоҳӣ низ осебпазирии занонро ба ВНМО афзоиш медиҳад. Бар асоси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои бисёрникоҳӣ ҷарима ё корҳои ислоҳотӣ ба мӯҳлати то 2 сол ё маҳдуд кардан аз озодӣ ба мӯҳлати то 5 сол ҷазо дода мешавад.[11] Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омори расмӣ дар бораи бисёрзанӣ мавҷуд нест. Дар маҷмӯъ, 3%-и занон қайд карданд, ки шавҳар ё ҳамхобаи онҳо занҳои дигар доранд (ТТД, 2017). Ҳангоми пурсишҳо, занони гирифтори ВНМО мавҷудияти издивоҷҳои бисёрникоҳӣ, аз ҷумла издивоҷҳои шавҳарони худро нишон доданд (7).



6 Тоҷикистон: Арзёбии гендерии вокуниши миллии ВНМО, ЮНЭЙДС, 2013.

7 «СММ-Занон» дар Тоҷикистон. Баррасии монеаҳои асосӣ барои занон дар роҳи табобати ВНМО, Душанбе, 2021.

8 Ташаббуси Spotlight барои аз байн бурдани зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон. Country Programme Document, Тоҷикистон, 2020

9 Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва кӯдакон, ҳифзи онҳо, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2029, (лоиҳа).

10 Ҳисоботи таҳлилӣ. Арзёбии вазъи зӯроварии гендерӣ нисбати занон ва духтарон дар минтақаҳои мавриди ҳадафи Ҷумҳурии Тоҷикистон, БРСММ 2021. https://www.undp.org/sites/g/files/zskgke326/files/migration/tj/UNDP-TJK-Pub_2021_06-1_Final_SurveyRU_12102020.pdf

11 https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/laworder/20240221/nesovershenstvo-zakonakak-v-tadzhikistane-opredelyaet-sya-mnogozhenstvo

- Заноне, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд (95%), нисбат ба мардон (82%) бештар гирифтори доғи тамғагузорӣ мешаванд.[12]
- Сатҳи баланди тамғагузорӣ нисбат ба занон: – намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ: заноне, ки маводи мухаддир истеъмол мекунанд, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ (ШРХШ), занони маҳбусшуда ва онҳое, ки аз маҳбас озод шудаанд, дида мешавад.
- Ҳарчанд сатҳи тамғагузорӣ нисбат ба шахсони гирифтори ВНМО ҳангоми гирифтани ёрии тиббӣ тадриҷан паст шуда истодааст, аммо 3%-и шахсони гирифтори ВНМО (2,8% занон ва 2,4% мардон) қайд намудаанд, ки аз кӯмаки тиббӣ рад шуда буданд; ин нишондод дар байни ШРХШ (8,2%) ва НТ (5,6%) зиёдтар аст.[13]
- Тибқи маълумоти платформаи REAct дар соли 2023 – 7,8%-и муроҷиатҳои шахсони гирифтори ВНМО ва намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ вобаста ба поймолкунии ҳуқуқи инсон ҳангоми гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ, аз ҷумла рад кардани ёрии таъҷилии тиббӣ ба қайд гирифта шудаанд. 30% ҳолатҳои шикоятҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (ГОА) дар робита ба нақзи ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба қайд гирифта шудаанд.[14]



# ЗӮРОВАРӢ НИСБАТИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН ВА ВНМО

- Ҳиссаи занони аз 15 то 49 сола, ки боре мавриди хушунати ҷисмонӣ ё ҷинсӣ қарор гирифтаанд, аз 24% дар соли 2017 то 12% дар соли 2023 коҳиш ёфтааст (ТТД, 2017, 2023). Паҳншавии зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё равонӣ нисбати занон аз ҷониби шавҳар ва ё ҳамхоба аз 31% дар соли 2017 то 16% дар соли 2023 коҳиш ёфтааст (ТТД, 2023).
- Дар баробари ин, аз ҳашт якто зани аз 15 то 49-сола (12%) боре мавриди хушунати ҷисмонӣ ё ҷинсӣ қарор гирифтааст.

---

12 Маълумот аз таҳқиқоти «Индекси тамғагузорӣ дар Тоҷикистон» дар солҳои 2015 ва 2021. https://www.stigmaindex.org/country-reports/#/m/TJ

13 Таҳқиқоти «Индекси тамғагузорӣ дар Тоҷикистон» 2021 ва 2015 https://www.stigmaindex.org/wp-content/uploads/2022/03/Tajikistan-SI-Report-2021_English.pdf

14 Маълумоти платформаи REAct барои соли 2023 https://react-aph.org/statistic/tadzhikistan-ecom-2023-god-1/

- Аз 2% то 6%-и занон аз ҷониби ҳамхобаи ҳозира ва ё охирини худ зӯроварии ҷинсӣ дидаанд (ТТД, 2023, БРСММ, 2021).
- Ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати занон дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам васеъ паҳн шудааст, аммо ба таври кофӣ ошкор намешаванд, аз ҷумла, 97% мардон ва 72% занон бар он боваранд, ки барои ҳифзи оила зан бояд ба хушунат тоб оварад ва таҳаммул кунад.[15]
- Зӯроварии иқтисодӣ маъмултарин намуди зӯроварӣ аз ҷониби шавҳар ва ё ҳамхоба аст - 31% (10).
- Маълумот дар бораи паҳншавии зӯроварӣ дар байни гурӯҳҳои занони дар канормонда, ки зери тамғагузории гуногунҷанба қарор доранд, аз ҷумла: занони гирифтори ВНМО, ШРХШ, занони маҳбусӣ, занони трансгендер, лӯлиҳои маҳаллӣ, гурезагон, оворагон ва ғайра мавҷуд нест.[16]
- Аз рӯи маълумоти ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мавридҳои таҳдиди кибернетикӣ, хушунат алайҳи занону духтарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва фазои рақамӣ афзоиш ёфтааст.
- Занони гирифтори ВНМО дар барномаҳои мубориза бо зӯроварӣ, таҷовузкорон, аз ҷумла барномаҳои ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра фаро гирифта намешаванд.
- Шарти асосии пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба ВНМО дар доираи «равзанаи ягона»-и хизматрасонии марбут ба зӯровариро дар бар намегирад.
- Дар муассисаҳои тиббии кишвар барои расонидани ёрии тиббӣ ба ҷабрдидагони хушунат як қатор ҳуҷраҳои махсус, паноҳгоҳҳо ва марказҳои бӯҳронӣ мавҷуданд. Ба гуфтаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, қабули занони гирифтори ВНМО ба ин марказҳо манъ аст. Хизматрасониҳо оид ба ВНМО барои ҷабрдидагони зӯроварии ҷинсӣ, аз қабили ташхиси ВНМО ва маҷмӯаҳо барои пешгирии пас аз алоқа (ППА) пешниҳод карда намешаванд, инчунин механизмҳои ҳамоҳангсозии коркардшуда бо хадамоти зидди БПНМ барои таъмини маҷмӯаҳои ППА дар ин муассисаҳо вуҷуд надоранд.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз андаке коҳиш ёфтани сатҳи умумии паҳншавии зӯроварӣ тибқи маълумоти ТТД-2023, мушкилоти зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон дар кишвар, бахусус дар байни гурӯҳҳои занони дарканормонда ба таври назаррас боқӣ мемонад.

Меъёрҳо ва таҷрибаҳои маҳдудкунандаи гендерӣ, тамғагузорӣ, табъиз ва зӯроварии гендерӣ ба гирифтани саривақтии хизматрасониҳои тиббӣ, аз ҷумла хадамоти саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ (СҶР) ва ВНМО халал мерасонанд; ба духтарон дар қабули қарорҳо, худшиносӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ маҳдудиятҳо эҷод мекунад; имкониятҳои гирифтани таълимоти тахассусӣ ва дигар маълумот, аз ҷумла дар бораи ВНМО ва мусоидат ба таҳдиди бевоситаи сирояти ВНМО-ро кам мекунад.

15 Кумита оид ба барҳам додани поймолкунии ҳуқуқи занон. Мулоҳизаҳои ҷамъбастӣ оид ба гузориши шашуми даврии Тоҷикистон, 14 ноябри соли 2018. https :// tbinternet . ohchr . org / _layouts /15/ contractybodyexternal / Download . aspx ? symbolno = CEDAW / C / TJK / CO /6& Lang = En

16 Thematic Assessment. Assessing Spotlight Initiative's contribution to the engagement of civil society, the implementation of 'Leave no one behind', and movement building. Tajikistan case study, SDDirect, UK, 2023

# ҚОНУНҲО ВА СИЁСАТҲОЕ, КИ БАРОИ ВОКУНИШИ ТАЪСИРБАХШ БА ВНМО МОНЕА ЭҶОД МЕКУНАНД

- **Ҷинояткорӣ барои интиқоли ВНМО, аз ҷумла аз модар ба кӯдак ва дучоршавӣ ба хатари сироят.** Тибқи моддаи 125-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶ ҶТ) барои ҳам қасдан интиқол додани ВНМО ва ҳам зери хатари гирифтор шудан ба ВНМО ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамин тариқ, ҳамаи одамони гирифтори ВНМО, ки алоқаи ҷинсӣ мекунанд, метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноӣ дучор шаванд.

Аз 14 парвандаи ҷиноие, ки ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» (МҲИ, 2024) гирифтааст, 12 парванда тибқи моддаи 125-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда шудааст. Аз 14 парванда 6-тоаш алайҳи мардон ва 8-тоаш алайҳи занон боз шудааст.

Дар системаи REAct шикоятҳои шахсони бо ВНМО зиндагикунанда (ШВЗ) ва ГОА-ро дар бораи рад кардани ҳимоя ва тафтишот, инчунин нақзи ҳуқуқи мурофиаи одилонаи судӣ ба қайд гирифта шудаанд (14). Тибқи иттилои Маркази ҳуқуқи инсон (МҲИ), қарорҳои мусбати судӣ ба манфиати шахсони гирифтори ВНМО, ки тибқи моддаи 125-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳам мешаванд, сабт нашудааст.

- **Пешниҳоди хизматрасониҳои шаҳвонӣ** дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қонуншикании маъмурӣ маҳсуб мешавад, ки аз нигоҳи ҷилавгирӣ аз ВНМО вазъи ШРХШ-ро бадтар карда, ба афзоиши эпидемия мусоидат мекунад.[17]
- Дар кишвар **ягон қонуне вуҷуд надорад, ки истеъмоли маводи мухаддирро ҷиноят мешуморад,** аммо ба гуфтаи ТҶ, аксар вақт истеъмолкунандагони маводи мухаддир аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.



- **Дар кишвар ягон қонуне вуҷуд надорад, ки тамоюли ҷинсӣ ва ё шахсияти гендериро (ҳамҷинсгароӣ) ҷиноят мешуморад.** Дар баробари ин, намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (ГОА) аксар вақт бо зуҳуроти стигма, яъне тамғагузорӣ (доғдоркунӣ, бадномкунӣ, шармандасозӣ) ва табъиз (пастзанӣ аз ҷониби касе) дучор мешаванд.[18]
- **Аз наврасони то 18-сола** барои гирифтани хизматрасонии саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ (СҶР), ташхиси ВНМО ва табобат розигии волидайн талаб карда мешавад.[19]

17 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2020 № 1727, http://ncz.tj/

18 Thematic Assessment. Assessing Spotlight Initiative's contribution to the engagement of civil society, the implementation of 'Leave no one behind', and movement building. Tajikistan case study, SDDirect, UK, 2023

19 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017 http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=129506&conttype=2

- Мавҷуд будани меъёрҳое, ки ҳуқуқи шахсони гирифтори ВНМО-ро поймол мекунанд, аз қабили манъи гирифтани таҳсилоти тиббӣ, фарзандхонии кӯдак ва ғайра.
- Аз сабаби мавҷуд будани санҷиши ҳатмии ВНМО пеш аз никоҳ, риояи пурраи ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои таъсиси оила, махфият, дахолатнопазирӣ ва ғайра зарур аст.

# ДОНИШ ДАР БОРАИ ВОКУНИШИ МИЛЛӢ БА ВНМО

Ҳангоми гузаронидани арзёбии гендерӣ самтҳои таваҷҷӯҳи зерин дар вокуниши миллӣ ба ВНМО муайян гардид, ки диққати махсусро тақозо намуда, ҳамбастагии маълумоти эпидемиологӣ, меъёрҳо ва таҷрибаҳои иҷтимоӣ ва нокифоя будани вокуниш ба ВНМО-ро аз нуқтаи назари гендерӣ таъкид мекунад.

1. Дар Барномаи кунунии миллии муқовимат ба эпидемияи ВНМО тамоюли гендерӣ ба ҳисоб намеравад; инчунин ҳангоми банақшагирӣ ва татбиқи стратегияҳои мубориза бар зидди ВНМО тадбирҳои тағйирдиҳандаи гендерӣ барои коҳиш додани паҳншавӣ ва ҳолатҳои нави ВНМО ба назар гирифта намешавад.
2. Номукаммалии қонунгузорӣ оид ба ВНМО ба таъсирӣ вокуниши миллӣ монеъ мешавад ва дар ноил шудан ба баробарии гендерӣ мусоидат намекунад. Дараҷаи баланди тамғагузорӣ ва табъиз нисбат ба ШВЗ ва ГОА ҳангоми гирифтани хизматрасонӣ ва дар ҷомеа, бахусус нисбати занони гирифтори ВНМО мушоҳида мешавад.
3. Сарфи назар аз мавҷудияти собитшудаи пайвастагиҳои сершумор байни ВНМО ва зӯроварии гендерӣ, набудани ҳамгироӣ байни барномаҳои муқовимат бар зидди ВНМО, зӯроварӣ алайҳи занон ва духтарон (ЗАЗД) ва барномаҳое, ки ба ҳалли дуҷонибаи масъалаҳо равона шудаанд.
4. Сатҳи пасти огоҳонии аҳолӣ, бахусус ҷавондухтарони 15-24 сола оид ба роҳҳои сироят ва усулҳои пешгирии ВНМО. Мушкилоти баланд бардоштани савияи дониши ҷавонон оид ба масъалаҳои ВНМО танҳо дар доираи барномаҳои ВНМО ҳал намешавад, он вазифаҳои бисёрсоҳавӣ буда, дар тамоми самтҳои фаъолият, бахусус, дар соҳаи маориф талошҳои муштаракро тақозо мекунад.



# МУШКИЛОТ ҲАНГОМИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНӢ ОИД БА ВНМО

**Норасоиҳо ва фосилаҳо ҷиҳати пешгирии сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак дар пешгирии рафъи интиқоли амудии ВНМО дар ояндаи наздик:**

- Фарогирии нокифояи занони ҳомиладор бо нигоҳубини пеш аз таваллуд дар марҳилаҳои аввал (то 12 ҳафта) – 83,5% (Агентии омор, 2023).
- Дар маҷмӯъ, дар соли 2023 – 98,7% занони ҳомиладор бо нигоҳубини пеш аз таваллуд фаро гирифта шудаанд, ки 93,4%-и онҳо аз санҷиши ВНМО гузаронида шудаанд; 93,2% табобати ЗРВ-ро барои коҳиш додани хатари интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак мегиранд.
- Сироятёфтагон бо роҳи интиқоли амудӣ 2,2%-ро ташкил медиҳанд. Фоизнокии тахминии кӯдакони 0-14 сола, бори нахуст сироятёфтаи ВНМО аз модар ба кӯдак дар байни занони гирифтори ВНМО, ки дар 12 моҳи охир таваллуд кардаанд 0,4%-ро ташкил медиҳад.
- Зинда таваллудшудагон 95% дар муассисаҳои тиббӣ ва 98% дар ҳузури мутахассиси ботаҷриба таваллуд шудаанд (ТТД, 2023).
- Танҳо 56%-и занони мубталои ВНМО дар қабули қарорҳо дар бораи чӣ гуна ғизо додани фарзандонашон дастгирӣ ёфтаанд; танҳо нисфи занони гирифтори ВНМО барои ҳомиладории бехатар кӯмак гирифтанд. 50 фоизи занони гирифтори ВНМО тавонистанд барои таваллуд кардан муассисаи тиббиро интихоб кунанд (4).
- Харидории ғайримарказонидашудаи тестҳои ташхиси ВНМО барои занони ҳомила аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ.
- Маблағгузории нокифоя барои харидории маҳсулоти ивазкунандаи шири модар (ИШМ) аз буҷети давлатӣ барои қонеъ кардани тамоми ниёзҳои ИШМ.
- Харидории доруҳои ЗРВ барои барномаҳои пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак (ПИВМК) аз ҳисоби Хазинаи глобалӣ.
- Ҳамгироии ПИВМК ба системаи ҳифзи саломатии модару кӯдак дар сатҳи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС), аз ҷумла санҷиши ВНМО.
- Мавҷудияти моддаи 125-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои интиқоли ВНМО, аз ҷумла аз модар ба кӯдак ҷиноят пешбинӣ мекунад.
- Ҳодисаҳои тамғагузорӣ (бадномкунӣ) ва табъиз шудани занони ҳомилаи гирифтори ВНМО аз ҷониби мутахассисони соҳаи тиб.
- Мушкилот дар ташхиси ройгони занони ҳомила, махсусан дар деҳоти дурдаст.



**Натиҷаҳои интизорӣ:** Дараҷаи интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак аз 2% зиёд нест, ин аз ҳисоби таъмини маҷмӯи пешгирии интиқоли амудии ВНМО дар системаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.[20]

20 Global guidance on criteria and processes for validation: elimination of mother-to-child transmission (EMTCT) of HIV and syphilis.World Health Organization. 2014

## Мушкилот дар пешниҳоди хизматрасониҳои пешгирикунандаи ВНМО барои гурӯҳи осебпазири аҳолӣ (НТ, ШРХШ, ММАҶ, маҳбусон)

**Маълумот**:

- Камбудиҳо дар ноил шудан ба ҳадафҳо (95% то соли 2025) оид ба фарогирии хизматрасониҳои пешгирӣ (2023): НТ - 72% , ШРХШ - 66% ва ММАҶ - 59,4%.
- Фарогирии НТ бо барномаҳои табобати вобастагии агонистҳои афюнӣ (БТАА) на бештар аз 3% (тавсияҳои ТУТ – на камтар аз 20%) аст.
- **Пешгирии пеш аз алоқа (экспозитсионӣ) (ПЭП):** аз 1033 нафаре, ки дар соли 2023 ПЭП-ро гирифтаанд, - 53,8% занон ва 46,2% мардон; ҷуфтҳои номувофиқ - 36,8%; НТ - 10,9%; ММАҶ -28,2% ва ШРХШ - 24,1%.

  Зиёда аз 80%-и одамоне, ки қабули ПЭП-ро оғоз мекунанд, онро бо сабабҳои гуногун (набудани хатари сироятшавӣ, муҳоҷират, риояи суст) қатъ мекунанд, ки мушкилоти асосӣ барои татбиқи самаранокии ПЭП мебошад.[21]

- Дар бораи пешниҳоди хизматрасониҳои пешгирии ВНМО бо дарназардошти эҳтиёҷоти занон ва мардон, ё фароҳам овардани шароит барои дастгирии иштироки занон дар барномаи БТАА, аз ҷумла, дар маҳбасҳо маълумот мавҷуд нест.
- Стандартҳои хизматрасонии пешгирикунандаи ВНМО нав карда нашудаанд ва ба талаботи муосири ГОА ҷавобгӯ нестанд.
- Ба таври назаррас кам шудани шумораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ кор мекунанд.
- Дастгирии нуқтаҳои хизматрасонӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ аз ҷониби сармоягузорони беруна, харидорӣ намудани маводҳои барномаҳои пешгирӣ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ аз ҳисоби Хазинаи глобалӣ.
- Монеаҳо барои БТАА: набудани шаклҳои таблетии (ҳабб) БТАА ва тақсимоти дорувориҳо аз рӯи принсипи «аз даст ба даст», муоинаи пулакӣ барои иштирок дар барнома, набудани хоҳиши НТ барои сабти ном шудан дар марказҳои бақайдгирӣ ва назорати диспансерии беморони наркологӣ, тарс аз вайрон кардани махфият ва таъқибшудан аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шароити сахт барои иштирок дар барномаи БТАА, дар сурати вайрон кардани шартҳо аз барнома хориҷ шудан ва ғайра.



21 Маълумоти ICAP, Branch office of International Organization “Centers for International Programs, Inc.” дар ҶТ

# НОРАСОИҲО ДАР НОИЛ ШУДАН БА ҲАДАФҲОИ 95-95-95 ДАР ҶАРАЁНИ ТАБОБАТ

**Нишондиҳандаҳои ҷараёни табобат: Танҳо 75%-и ШВЗ ҳолати худро медонанд, ки 89,4%-и онҳо табобати ЗРВ-ро гирифтаанд ва 88,6% ШВЗ, ки табобати ЗРВ-ро (табобати зиддиретровирусӣ)-ро дастрас карда буданд, дар онҳо сарбории вирусӣ муайян карда нашудааст (соли 2023).**

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои «95-95-95» камбудиҳо вуҷуд доранд, ки муҳимтарини он дар аввалин «95 – дониши шахсони гирифтори ВНМО дар бораи ҳолати ВНМО-и худ» мебошад.

---

### Озмоиши ВНМО

- Мувофиқи тавсияҳои ТУТ алгоритми озмоиши ВНМО дар соли 2022 таҷдиди назар карда шуд.
- Фарогирии озмоиши ВНМО дар як сол тақрибан аз 9% то 11% аст. Фарогирии озмоишҳо аз шумораи умумии шахсони озмоишшуда бештар дар байни занони ҳомила мушоҳида мешавад - 34,7%; пас аз он муҳоҷирон - 5,5%, НТ - 1,4% ва ШЗХШ низ - 1,4%; ҳиссаи ММАҶ аз шумораи умумии онҳое, ки ба озмоиш фаро гирифта шудаанд, ночиз аст - 0,3%.
- Тибқи маълумоти МҶ БПНМ, дар муқоиса бо мардон сатҳи озмоиш дар байни занон зиёдтар аст, ки ин миқдори бештари озмоишҳои занонро ҳангоми ҳомиладорӣ нишон медиҳад.
- Ҳадафҳои барномавӣ оид ба озмоиш аз ҷумла: дар байни НТ ҳамагӣ – 82%, дар байни ШРХШ – 90,6%, дар байни ММАҶ – 88,6% иҷро шуданд (маълумоти БРСММ, 2023).
- Ҷиҳати харидорӣ намудани лавозимот барои озмоиши занони ҳомила, озмоиши намунаҳои хуни донорҳо, намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва қисман барои муҳоҷирон аз буҷаи давлат маблағ ҷудо карда мешавад. Хазинаи глобалӣ бошад, озмоиши гурӯҳҳои шахсони осебпазирро маблағгузорӣ мекунад.
- Дар кишвар ҷорӣ шудааст: худозмоиши ВНМО, озмоиши индексӣ ва озмоиш дар бораи мӯҳлати сироятшавӣ.

### Равишҳои инноватсионӣ барои васеъ кардани озмоиши ВНМО:

**Платформаи онлайн** https://hivtest.tj/ бо мақсади пешниҳоди тестҳо барои худозмоиши ВНМО ҷорӣ карда шуд.

**Стратегияи шабакаҳои иҷтимоӣ (СШИ):** Ҷалби намояндагони шахсони ГОА ба озмоиш аз атрофиёни худ (дӯстон, ҷомеаҳо ва ғ.) (21).

**Монеаҳо**: тамғагузорӣ ва табъиз, тарс аз ифшои ҳолат пас аз ташхиси ВНМО, имкони истифодаи чораҳои маҷбурӣ алайҳи ШБЗ (моддаи 125-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Мавҷудияти хизматрасониҳои пулакӣ: озмоиши пулакӣ барои шахсоне, ки ба гурӯҳҳои тибқи ҚҲ ҶТ №600[22] ройгон аз озмоиши ВНМО мегузаранд, шомил нестанд.

---

22 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 600 аз 2 декабри соли 2008 «Дар бораи тартиби хизматрасонии тиббӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ»

Аз сабаби шумораи ками ТҶ ва аутрич-коргарон, ки машварат ва озмоиши ихтиёриро (МОИ) таъмин мекунанд, ҳадафҳои барномавии озмоишӣ ба даст намеоянд.

**Натиҷаҳои интизорӣ: Зиёда аз 95% одамони гирифтори ВНМО ҳолати ВНМО-и худро медонанд.**

# ТАБОБАТИ ВНМО

- Нишондиҳандаҳои фарогирии табобати ЗРВ дар байни мардон (86,8%) нисбат ба занон (93,4%) хеле паст аст.
- Дар байни заноне, ки табобати ЗРВ-ро гирифтаанд, саркӯбии сарбории вирусӣ 92,0%-ро нишон медиҳад, миёни мардон бошад, ин нишондиҳанда каме пасттар аст - 88,7%.

Пасттар шудани сатҳи хизматрасониҳо дар байни мардон метавонад аз бартарии назарраси мардон дар байни муҳоҷирони корӣ, дастрасии дертар ба озмоиш ва хизматрасонӣ оид ба ВНМО бо сабаби сафар ба хориҷи кишвар ва набудани дастрасӣ ба хизматрасонии ВНМО дар кишвари қабулкунанда бошад.



- Протоколи клиникӣ мунтазам нав карда мешавад.
- Озмоиши тасдиқкунанда дар сатҳи вилоятӣ ва ё минтақавӣ марказонида нашудааст.
- Такмил додан ва кам кардани шумораи реҷаҳои табобат. Аксари бемрони калонсол (97,8%) дар баробари кор бурдани принсипи «аз озмоиш гузар ва табобат гир» реҷаи маҷмӯи вояи омехтаро (TLD)-ро мегиранд.[23]
- Такмили табобати ЗРВ дар КАТС (кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ): дар 15 маркази саломатии шаҳри Душанбе ва марказҳои саломатии якчанд ноҳияи дигар.
- Тақсимоти доруҳои табобати ЗРВ ба беморон барои 6 моҳ ва бештар аз он.
- Барои ба таври фосилавӣ сабти ном кардани бемрони ВНМО ва расонидани кӯмак ба шаҳрвандони муҳоҷири тоҷикистонии муқими кишварҳои хориҷа алгоритме қабул карда шавад.

**Натиҷаҳои интизорӣ:** Таъминоти бефосилаи табобати ЗРВ барои 100% фарогирии ШВЗ, ки мақоми худро тавассути захираҳои беруна ва дохилӣ медонанд ва такмили равандҳои ошкорсозии саривақтӣ, таъиноти фаврии реҷаҳои муолиҷаи муосир ва мониторинги натиҷаҳои табобат дар системаи КАТС (кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ) таъмин карда мешавад.

## 8. Норасоиҳо дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои ройгони солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ (СҶР), махсусан барои занони гирифтори ВНМО

**Маълумот:**

- Хизматрасониҳо оид ба СҶР ба аҳолӣ дар марказҳои саломатии репродуктивӣ, марказҳои КАТС ва муассисаҳои махсусгардонидашуда пешниҳод карда мешаванд. Эҳтиёҷоти махсуси занони гирифтори ВНМО дар хизматрасониҳои СҶР ба назар гирифта намешавад.
- Танҳо аз се як зани мубталои ВНМО муътақид аст, ки дар бораи хизматрасониҳои СҶР маълумоти кофӣ дорад ва дар сурати муроҷиат намудан, ба мисли ҳар зани дигар ҳамон хизматрасониҳоро мегирад (4).
- Талабот ба хизматрасонии гинекологӣ миёни занони гирифтори ВНМО ба 79% мерасад. Аксарияти занони гирифтори ВНМО барои хизматрасониҳои СҶР ба марказҳои мубориза бо БПНМ ё ба табибони шахсии худ муроҷиат мекунанд (7).
- Ҳар як зани дуюми гирифтори ВНМО иддао дорад, ки вай ба хизматрасониҳои ройгони табобати безуриётӣ ва технологияҳои репродуктивии ёрирасон дастрасӣ надорад.
- 47%-и занони гирифтори ВНМО дар Тоҷикистон гирифтори бемориҳои онкологии пеш аз саратонӣ мебошанд; ташхиси мунтазами саратони гарданаки бачадон миёни занон гузаронида намешавад. Муоинаи инфиродӣ ба маҷмӯи хизматҳои ройгон, аз ҷумла барои занони гирифтори ВНМО дохил карда нашудааст (7).
- Аксарияти занони шавҳардор, ки гирифтори ВНМО ҳастанд, қайд кунанд, ки барои рафтан ба муассисаҳои тиббӣ зарурати гирифтани иҷозати шавҳар пеш меояд; ғайриимкон ё мушкил будани пешниҳоди истифодаи рифола аз ҷониби шавҳар.
- Мавҷуд набудани эмкунӣ бар зидди папилломавируси одам (ПВО), ки ин мушкилӣ натанҳо дар доираи барномаҳои ВНМО ҳал карда мешавад, балки вазифаи ҳамаи сохторҳои дахлдори системаи тандурустӣ мебошад.

---

**Натиҷаҳои интизорӣ: Ҳар як зани мубталои ВНМО дастрасии васеъ ба хизматрасониҳои ройгони СҶР-ро дорад ва метавонад онро пурра дастрас намояд.**

23 Баррасии ҳамаҷонибаи Барномаи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Гузориши ниҳоӣ, Дафтари аврупоии ТУТ, Душанбе, 2023.

## 9. Таъмин намудани иштироки назарраси СҶШ, намояндагони ҷомеаҳо ва занони гирифтори ВНМО дар банақшагирӣ, татбиқ ва арзёбии барномаҳо оид ба ВНМО ва баробарии гендерӣ

### Тадбирҳо ва камбудиҳои ҷорӣ

- Намояндагони ГОА, ҷамоатҳо, аз ҷумла занони гирифтори ВНМО дар қабули қарорҳо дар барномаҳои ВНМО дар сатҳи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ (КМҲ) оид ба мубориза бо ВНМО/БПНМ, сил ва вараҷа, гурӯҳҳои кории техникии (ГКТ) назди КМҲ иштирок мекунанд.
- Коҳишёбии шумораи ТҶ, ки дар соҳаи ВНМО кор мекунанд, ба назар мерасад: душвориҳо дар кор бурдан бо ГОА, баста шудани ТҶ, нокифоя будани маблағгузорӣ, набудани ҳавасмандкунӣ ва ғайра.
- Миқдори назарраси ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи баробарии гендерӣ кор мекунанд. Ҳамкории мутақобилаи беш аз 50 ТҶ ва таъсис намудани ҳаракати “ Ҳаёт бидуни зӯроварӣ”.
- Мавҷуд набудани платформаи умумӣ барои ТҶ, ки дар баробарии гендерӣ ва барномаҳои ВНМО кор мекунанд.
- Маблағгузории асосии ТҶ аз ҳисоби сармоягузарони беруна ба даст меояд. Танҳо ду ТҶ, ки дар соҳаи ВНМО кор мекунанд, фармоишҳои иҷтимоӣ гирифтаанд, то хизматрасонии иҷтимоӣ ва дастгирии ШВЗ-ро дошта бошанд. Дар ВТ ҲИА ҶТ ва дигар вазоратҳо маблағгузорӣ барои фармоишҳои иҷтимоӣ оид ба расонидани хизматрасониҳо бар зидди ВНМО ба ГОА мавҷуд нест.
- Мониторинг аз ҷониби ҷамоатҳо ва системаи умумии арзёбии ВНМО ворид карда шудааст.

**Натиҷаҳои интизорӣ: Иштироки назарраси созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони ҷомеа ва занони мубталои ВНМО дар раванди қабули қарорҳо таъмин карда шуда, пурра эътироф ва бо захираҳову иқтидор барои амалисозии вокунишҳои устувор бар зидди эпидемияи ВНМО ва ноил шудан ба баробарии гендерӣ таъмин карда мешаванд.**

## Таъмин намудани шароит барои маблағгузории устувори барномаҳои ВНМО, аз ҷумла масъалаҳои гендерӣ, тавассути афзоиши маблағгузории дохилӣ ва ҷалби захираҳо аз манбаъҳои беруна.

### Тадбирҳо ва камбудиҳои ҷорӣ

- Норасоии буҷаи Барномаи миллии мубориза бар зидди эпидемияи ВНМО/БПНМ барои солҳои 2021-2025 – 32,3%-ро ташкил медиҳад. Маблағгузории давлатӣ барои барномаҳои ВНМО аз соли 2020 то соли 2023 – 1,6 маротиба афзоиш ёфтааст.
- Маблағҳои сармоягузорони байналмилалӣ - 79,8%, ҳиссаи маблағҳои давлатӣ - 17,8% аз ҳаҷми умумии хароҷоти марбут ба ВНМО-ро ташкил медиҳад (NASA, 2020).
- Шумораи сармоягузорони байналмилаӣ якбора коҳиш ёфтааст, дар айни замон Хазинаи глобалӣ ва ПЕПФАР сармоягузорони асосӣ мебошанд. Хазинаи глобалӣ ягона сармоягузор барои харид ва таъминоти доруҳои табобати ЗРВ ва маводҳо барои барномаҳои пешгирикунанда дар байни ГОА мебошад.
- Ҳангоми таҳияи буҷет барои барномаҳои ВНМО ҷанбаҳои гендерӣ ба назар гирифта намешаванд.

**Натиҷаҳои интизорӣ: Шароит барои маблағгузории устувор оид ба барномаҳои ВНМО, аз ҷумла масъалаҳои гендерӣ, тавассути афзоиши маблағгузории дохилӣ ва ҷалби захираҳо аз манбаъҳои беруна фароҳам оварда мешавад.**

# ТАВСИЯҲО: САМТҲОИ АСОСИИ НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО

Дар асоси натиҷаҳои арзёбии гендерии вокуниши миллӣ ба ВНМО оид ба самтҳои асосии банақшагирии татбирҳои минбаъда дар барномаҳои мубориза бо ВНМО ва ноил шудан ба баробарии гендерӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда шудаанд.

## 1. БАРНОМАҲОИ БА МАСОИЛИ ГЕНДЕРӢ НИГАРОНИДАШУДА ВА ТАҒЙИРДИҲАНДА ДАР САМТИ ВНМО

- Саҳмгузорӣ дар таҳияи Барномаи миллии зидди ВНМО барои давраи навбатии банақшагирии стратегӣ бо назардошти ҷанбаҳои гендерии эпидемияи ВНМО дар асоси Муколамаи миллӣ бо иштироки шарикони асосӣ дар соҳаи вокуниш ба ВНМО ва баробарии гендерӣ, ҳамоҳангсозии чорабиниҳо дар соҳаи ВНМО бо фаъолияти Стратегияи миллии баланд бардоштани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030.
- Таъмини истифодаи самараноки иттилооти стратегӣ дар асоси маълумотҳои ба ҷинс ва синну сол тақсимшуда барои таҳия, татбиқ ва мониторинги барномаи миллии ВНМО.
- Ҷорӣ ва баррасӣ намудани мафҳуми гендер дар барномаҳои ВНМО.



## 2. ҲУҚУҚИ ИНСОН

- Таъмини тарғиботи муассир ва мусоидат ба таҳкими талошҳо барои такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ВНМО, аз ҷумла бекор кардани моддаи 125-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки интиқоли ВНМО-ро ҷиноят эътироф мекунад.
- Таъмини мониторинги доимии нақзи ҳуқуқи инсон нисбати шахсони гирифтори ВНМО ва намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ аз ҷониби ҷомеаҳо бо эътирофи маълумоти мониторинг барои қабули қарорҳо ва вокуниш мувофиқ ба ҳолатҳои нақзи ҳуқуқи инсон.
- Таъмин намудани дастрасии баробар ба адолат барои занон ва мардони мубталои ВНМО, аҳолии асосӣ ва осебпазир инчунин дигар аъзои ҷомеа.

## 3. ОГОҲОНИИ ЗАНОНУ МАРДОН, НАВРАСОН, ДУХТАРОН ВА ПИСАРОН ОИД БА ПЕШГИРИИ ВНМО

- Мусоидат ба арзёбии самараноки барномаи таълимӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ оид ба тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла масъалаҳои ВНМО ва СҶР, навсозии нақшаи таълимӣ ва аз нав дида баромадани таълими ҷории он танҳо дар доираи соатҳои тарбиявӣ.
- Дар барномаҳои соҳавии вазорату идораҳои дахлдор ворид намудани масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш оид ба пешгирии ВНМО дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ (ҷавонон, муҳоҷирон, коргарон ва корфармоён, духтарон ва занон, оммаи васеи аҳолӣ ва ғ.) тарғиб ва мусоидат намоянд (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, Вазорати маориф ва илми ҶТ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ ва ғайра).
- Баррасӣ намудани таҳияи стратегияи таблиғотӣ ва коммуникатсионӣ оид ба ВНМО ҷиҳати гузаронидани маъракаҳои иттилоотрасонӣ, ки барои гурӯҳҳои мақсадноки шунавандагон аз рӯи ҷинс ва синну сол, бо истифода аз равишҳои мутобиқ ба шароити кишвар ва бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои иттилоотии рақамӣ.

## 4. БАРҲАМ ДОДАНИ ЗӮРОВАРӢ НИСБАТИ ЗАНОНИ ГИРИФТОРИ ВНМО

- Ташвиқот оид ба ҳамгироии масъалаҳои марбут ба ВНМО дар лоиҳаи Барномаи давлатӣ ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва кӯдакон, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2029.
- Баррасии таҳия ва сафарбар кардани захираҳо барои барномаҳои дуҷониба бар зидди ВНМО ва зӯроварӣ, гирифтани грантҳо ва шартномаҳои иҷтимоӣ барои таҳкими иқтидори созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҷамъиятҳои занони гирифтори ВНМО.
- Таъмин намудани хизматрасониҳо оид ба пешгирии ВНМО, аз ҷумла санҷиши ВНМО ва таъминоти пешгирии дучоршавӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар ҷойҳои нигоҳубини онҳо дастрас бошад.

## 5. МУНОСИБАТҲОИ ГЕНДЕРӢ БА ХИЗМАТРАСОНИҲО ВОБАСТА БА ВНМО

- Ҳамгироии ҳамаҷонибаи пешгирии сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак ба системаи тандурустии модару кӯдак дар сатҳи КАТС таъмин карда шуда, тибқи тавсияҳои ТУТ барои ҳар як зани ҳомила хизматрасонии босифати ПИВМК таъмин карда шавад.
- Баррасӣ ва навсозии дастурҳо оид ба бастаҳои маҷмӯи хизматрасониҳои пешгирикунанда барои ГОА бо дарназардошти эҳтиёҷоти занону мардон ва равишҳои муосир оид ба пешгирии ВНМО.
- Суръати пешбурд ва тавсеаи пешгирии пеш аз алоқа (ПЭП) тавассути ба вуҷуд овардани талабот ба ПЭП ва пешниҳоди хизматрасониҳои мутобиқшуда ва соддашудаи ПЭП дар асоси тавсияҳои ТУТ.
- Таъмини баробарии гендерӣ дар дастрасӣ ба муоина, табобати ЗРВ, ноил шудан ба саркӯбии сарбории вирусӣ ва риояи табобати ЗРВ.
- Саҳмгузорӣ барои ба таври ройгон қонеъ гардонидани ниёзҳои занони гирифтори ВНМО ба хизматрасониҳои СҶР дар муассисаҳои давлатӣ.
- Имкониятҳо барои муоинаи ройгони саратони гарданаки бачадон барои занони гирифтори ВНМО дар муассисаҳои давлатӣ ва ҷорӣ намудани эмкунӣ бар зидди папилломавируси одам (ПВО).

## 6. ИШТИРОКИ НАЗАРРАСИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

- Таъмини иштироки назарраси СҶШ, намояндагони ҷомеаҳо ва занони гирифтори ВНМО дар банақшагирӣ, амалисозӣ ва мониторинги барномаҳои ВНМО ва баробарии гендерӣ.
- Мусоидат ба ҳамкории зич ва ҳамоҳангсозии ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи мубориза бо ВНМО ва баробарии гендерӣ кор мекунанд.
- Мусоидат ба рушди мониторинги ҷомеа (МҶ- CLM) ва истифодаи маълумоти ҷамоатҳо барои мутобиқ кардани вокунишҳо ба ниёзҳои ШВЗ ва намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла занон ва духтарони гирифтори ВНМО.

## 7. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМАҲОИ ВНМО

- Ҳангоми таҳияи барномаи нави миллии мубориза бар зидди ВНМО таъминоти буҷет бо назардошти ҷанбаҳои гендерии эпидемия ва вокуниш ба ВНМО тартиб дода шавад.
- Тарғиб ва мусоидат ба афзоиши дастгирии молиявии ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи ВНМО кор мекунанд, хусусан, ташкилотҳои занони гирифтори ВНМО, аз ҷумла тавассути фармоишҳои иҷтимоӣ барои расонидани хизмат ба шахсони гирифтори ВНМО ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, чӣ дар бахшҳои тандурустӣ ва чӣ дар дигар бахшҳо.
- Имконияти ба даст овардани маълумот дар бораи хароҷоти барномаҳои вобаста ба ҷанбаҳои гендерӣ ҳангоми гузаронидани мониторинги хароҷоти миллии мубориза бо БПНМ ба назар гирифта шавад (NASA).

# НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО БО НАЗАРДОШТИ ОМИЛҲОИ ГЕНДЕРӢ, БО ТАКЯ БА НАТИҶАҲО

Раванди санҷиши натиҷаҳои арзёбии гендерии мазкур 23 октябри соли 2024 бо иштироки коршиносони миллӣ ва шарикон, ки ҳам дар соҳаи мубориза бо эпидемияи ВНМО ва ҳам дар соҳаи баробарии гендерӣ кору фаъолият мекунанд, гузаронида шуд. Инчунин дар он намояндагони бахшҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҷомеаҳои шахсони гирифтори ВНМО, аз ҷумла занони гирифтори ВНМО ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ иштирок намуданд.

Натиҷаҳои пешакии арзёбии гендерии вокуниши миллӣ ба ВНМО дар ҷаласаи васеъи гурӯҳи гендерӣ 20 сентябри соли 2024 муаррифӣ карда шуданд.

Натиҷаҳои ниҳоии арзёбии гендерӣ дар мизи мудаввари миллӣ бо даъвати ҳамаи шарикони манфиатдор дар доираи маъракаи «16-рӯзи мубориза бар зидди зӯроварии гендерӣ» 27 ноябри соли 2024 муаррифӣ карда шуданд.

Тавсияҳои гирифташуда ва тадбирҳои асосии пешниҳодшуда барои таҳия ва ворид намудан ба нақшаи татбиқи барномаи миллии мубориза бо эпидемияи ВНМО барои давраи навбатии банақшагирии стратегӣ дар аввали соли 2025 пешниҳод карда мешаванд.



# ПАЙВАНДҲОИ (САРЧАШМАҲОИ) АСОСӢ:


1. Стратегияи глобалии мубориза бо БПНМ барои солҳои 2021-2026. Барҳам додани нобаробарӣ. Барҳам додани БПНМ. https://www.unaids.org/ru/Global-AIDS-Strategy-2021-2026
2. Маълумот аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон https://www.stat.tj/ru/
3. Гузориши ЮНЭЙДС дар бораи эпидемияи глобалии БПНМ: «Таъхирнопазирии интихоб: Муқовимат бо БПНМ дар чорроҳа», июли соли 2024 https://crossroads.unaids.org/
4. Маълумот аз МД «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО/БПНМ», 31.12. 2023
5. СММ-Занон дар Тоҷикистон. Баррасии монеаҳои асосӣ барои занон дар роҳи табобати ВНМО, Душанбе, 2021
6. Точикистон. Тадқиқоти тиббӣ - демографӣ. Ҳисобот дар бораи нишондиҳандаҳои асосӣ, 2023 https://dhsprogram.com/pubs/pdf/PR155/PR155rus.pdf
7. Ташаббуси Spotlight барои аз байн бурдани зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон. Country Programme Document. Tajikistan, 2020
8. Ҳисоботи таҳлилӣ. Арзёбии вазъи зӯроварии гендерӣ нисбати занон ва духтарон дар ноҳияҳои мақсадноки Ҷумҳурии Тоҷикистон, БРСММ 2021. https://www.undp.org/sites/g/files/zskgke326/files/migration/tj/UNDP-TJK-Pub_2021_06-1_Final_SurveyRU_12102020.pdf
9. Шабакаи Авруосиёии занон оид ба БПНМ, Шабакаи тоҷикистонии занони мубталои ВНМО. Рӯйхати мушкилот дар татбиқи Конвенсияи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон дар Тоҷикистон вобаста ба зӯроварӣ ва табъиз нисбати занони гирифтори ВНМО. Маҷлиси пешазинтихоботии гурӯҳи кории Кумита оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон. Женева, Швейтсария, 30 май - 2 июни соли 2023
10. Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ. Точикистон. Арзёбии гендерии кишвар , 2021 https://documents1.worldbank.org/curated/en/921321638250371738/pdf/Tajikistan-Country-Gender-Assessment.pdf
11. Баррасии ҳамаҷонибаи Барномаи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Гузориши ниҳоӣ, Дафтари аврупоии ТУТ, Душанбе, 2023.

**ЮНЭЙДС**
**Объединённая программа ООН**
**по ВИЧ/СПИДу**

Улица Айни, 48,
БЦ «Созидание», блок А
734024 Душанбе, Таджикистан
Tel: +992 90 770 3830

unaids.org